## ОБСЕРВАТОРИЯ: НОМАИ КУШОДА

# ТОҶИКИСТОН: Номаи кушода ба ҳокимият дар бораи худсарона маҳкам намудани Ассотсиатсияи Ҳуқуқшиносони Ҷавон “Ампаро”

**Ба Эмомалӣ Рахмон, Президенти ҶТ**
**Тел: +992 372 21 68 00**

**Ба Менглиев Рустам Шомуродович, Вазири адлияи ҶТ**
**факс: +992 37 221 80 66**

**Ба Нусратулло Абдуллоев, Раиси суди олии ҶТ**
**Тел: +992 372 33 48 21**

**Нусха ба:**
Ба Джумахон Давлатов, Мушовири Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ
Тел/факс (+992 37)2212520
Ба Фаттоев Саидмурод Самадович, Мушовири давлатии Президенти ҶТ оид ба рушди иҷтимоӣ ва алоқа бо ҷамъият
Тел/факс (+992 37)2212520

Париж-Женева, 30 январи 2013 с.

***Мавзӯъ: Мушаввашии амиқ бо худсарона барҳам додани Ассотсиатсияи Ҳуқуқшиносони Ҷавон “Ампаро”***

Мӯҳтарам ҷанобон!

Обсерватория оид ба ҳимояи ҳуқуқҳимоякунандагон – лоиҳаи муштараки Федератсияи байналхалқии ҳуқуқи инсон (FIDH) ва Ташкилоти умумиҷаҳонии зидди шиканҷа (OMCT) – бо муроҷиати мазкур мушаввашии амиқи худро бо барҳам додани Ассотсиатсияи Ҳуқуқшиносони Ҷавон “Ампаро” изҳор менамояд ва ҳокимияти Тоҷикистонро даъват менамояд, ки қарори мазкурро манъ намояд ва он меъёрҳои қонунгузориро, ки фаъолияти ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ба танзим даровaрда, ба стандартҳои байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи инсон ҷавобгӯ нест, баррасӣ намояд.

Ташкилоти ҳуқуқҳимоякунандаи “Ампаро” соли 2005 ташкил гардида, аъзои Эътилофи Ташкилоҳои Ғайридавлатии зидди шиканҷа мебошад ва дар рафти тафтишоти ҳодисаҳои шиканҷа ва муомилаи ғайриинсонӣ иштироки фаъол менамояд ва мониторинги фаъоли ҳуқуқи инсонро дар мамлакат гузаронида, барои ҳифзи ақаллиятҳои осебпазир дар Тоҷикистон баромад менамояд.

Санаи 24 октябри соли 2012 Суди шаҳри Хуҷанд таҳти роҳбарии раисикунанда Сафаралӣ Қурбонов қарор оиди барҳам додани “Ампаро”−ро, гӯё барои аз ҷониби ташкилот вайрон намудани як қатор талаботҳои юридикӣ ва маъмурӣ, аз ҷумла барои вайрон намудани меъёрҳои Қонуни ҶТ “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ”, қабул намуд. Дар натиҷаи маҷлиси судии Коллегияи суди вилояти Суғд, ки санаи 15 январи

соли 2013 баргузор гардида, шикояти кассатсионии АҲҶ “Ампаро” аз 28 ноябри соли 2012 дар он баррасӣ гашт, қарори суди шаҳри Хуҷанд бетағйир монда шуд.

Ин қарорҳо дар асоси даъвои Вазорати адлияи ҶТ аз санаи 29 июни соли 2012 қабул шуданд. Даъво ба суд рӯзи оянда пас аз он ки намояндагони ҳокимият ба ҳуҷраи кории АҲҶ “Ампаро” дар шаҳри Хуҷанд ногаҳон ба санҷиши шадиди ташкилот омада, ҳатто ба кормандони ташкилот ягон хел ҳуҷҷат нишон надодаанд, ки асоси гузаронидани санҷиши мазкур бошад, пешниҳод гаштааст.

Дар даъвои Вазорати адлия як қатор хатогиҳо нишон дода шуда буданд, аз ҷумла айбдоркунӣ дар он, ки АҲҶ “Ампаро” гӯё суроғаи ҳуқуқии худро тағйир дода, аз нав бақайдгирӣ дар Раёсати адлияи маҳаллӣ нагузаштааст; дар шабакаи Интернет саҳифаи расмии худро сохта, бо ин талаботи Қонуни ҶТ “Дар бораи иттиҳодияиҳои ҷамъиятӣ”−ро вайрон намудааст; берун аз ҳудуди вилояти Суғд, ки дар он сабти ном гаштааст, фаъолият бурдааст, инчунин дар мавзӯъҳои ҳуқуқҳимоякунанда барои талабагони синфҳои болоии мактабҳо бе иҷозатнома (литсензия) тренингҳо гузаронидааст.

Аммо ҷоизи қайд аст, ки айбҳои аз ҷониби Вазорати адлия пешниҳодгашта, аз ду сар ҳеҷ гуна асос надоранд, чунки аз рӯи маълумоти мавҷуда намояндагони “Ампаро” ба таври зарурӣ дар шакли хаттӣ ҳокимиятро дар бораи иваз намудани суроға дар соли 2010 огоҳ намудаанд. Тренингҳо ба талабагони синфҳои болоии макотиби миёна бошанд, ба таври ҷиддӣ бо ҳамкорӣ ва дар ҷаҳорчӯбаи созиш бо Вазорати маориф ва (ё ин ки) мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ гузаронида шудаанд. Ғайр аз ин, Қонуни ҶТ “Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” меъёрҳои манъкунандаро ба ташкилотҳо доштани сомонаҳои электрониро надорад. Ва ниҳоятан, аризаи АҲҶ “Ампаро” барои ҳамчун ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ аз бақайдгирии давлатӣ гузаштан ба Вазорати адлияи ҶТ аллакай санаи 25 июли соли 2012 дода шуда буд, яъне каме пеш аз барҳамдиҳии иҷбории он.

Обсерватория ба таври қатъӣ қарор оиди барҳамдиҳии ташкилоти ҳуқуқҳимоянундаи “Ампаро” ва ҳолатҳои ба он вобастаи бараъло худсаронаро маҳкум месозад.

Мо ҳокимияти Тоҷикистонро даъват менамоем, ки ба ҳама гуна пайгириҳо, аз ҷумла пайгириҳои судьӣ нисбати ассотсиатсияи “Ампаро” ва аъзоёни он, ва дар баробари ин ҳамаи дигар ҳуқуқҳимоякунандагони тоҷикро ба итмом расонида, инчунин меъёрҳои Эъломияи Созмони Миллали Муттаҳид дар бораи ҳуқуқҳимоякунандагонро, ки бо резолютсияи Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттаҳид санаи 9 декабри соли 1998 қабул шудааст, риоя намоед ва хусусан:

− Моддаи 1, ки дар он гуфта шудааст, ки “ҳар як инсон ҳуқуқ дорад шахсан ва якҷоя бо дигарон ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсонро дар сатҳи миллӣ ва байналхалқӣ ҳавасманд ва барои ҳимояи он ҳаракат кардан, онҳоро амалӣ намудан”;

− Моддаи 5, ки дар он гуфта шудааст, ки “ҳар як инсон ҳуқуқ дорад шахсан ва якҷоя бо дигарон, дар сатҳи миллӣ ва байналхалқӣ:
a) вохӯрӣ ё маҷлисҳои осоишта гузаронидан;
b) ташкил намудани ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ассотсиатсияҳо ва гурӯҳҳо, ба онҳо аъзо шудан ва дар фаъолияти онҳо иштирок намудан;
c) бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байнидавлатӣ алоқа барпо нигоҳ доштан”;

− Моддаи 6 (b) ва (c), ки дар он омадааст, ки “ҳар як инсон ҳуқуқ дорад шахсан ва якҷоя бо дигарон ... чӣ хеле ки дар шатномаҳои байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва дигар шартномаҳои истифодашаванда пешбинӣ шудааст, ба таври озод нашр намудан, дастрас намудан ё ин ки паҳн намудан дар байни дигарон андешаҳо, маълумот ва донишҳо дар бораи ҳама ҳуқуқ ва озодиҳои асосиии инсон [ва] ... чӣ хеле ки дар қонунгузорӣ, ҳамчунин дар амалия омӯхтан, муҳокима намудан, ташкил ва доштани

андеша нисбати риояи ҳама ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон ва ҷалб намудани аҳамияти ҷомеа ба ин масъалаҳо ...”;

− ва моддаи 12.2, ки дар он омадааст, ки “давлат ҳама чораҳои заруриро бо мақсади таъмини ҳимоя бо ёрии мақомотҳои салоҳиятдор ба ҳар кадом инсоне, ки шахсан худаш ё якҷоя бо дигарон баромад менамояд, аз ҳама гуна зулму тааддӣ, таҳдид, қасд, табъизи манфӣ де−факто ва де−юре, фишор ё ин ки ҳама гуна дигар амалҳои худсарона вобаста ба амаликунии қонунии ҳуқуқи ӯ, ки дар Эъломияи мазкур ёдовар шудаанд, меандешад”.

Обсерватория оид ба ҳимояи ҳуқуқҳимокунандагон ба мақомоти ҳокимияти судии Тоҷикистон бо хоҳиш мероҷиат менамояд, ки қарорро оиди барҳам додани АҲҶ “Ампаро” аз нав дида баромед, ба мақомоти иҷроия низ бо хоҳиш муроҷиат менамоем, ки барои кори ҳуқуқҳимоякунандагон ва фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатӣ фазои мусоид фароҳам оварда шавад.

Мо хеле умедворем, ки Шумо ба ҳолати дар боло зикргардида аҳамият медиҳед.

Бо эҳтироми самимӣ,

Суэр Белхассен,
президенти Ташкилоти байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон (FIDH) аз номи Обсерватория оид ба ҳимояи ҳуқуқҳимоякунандагон

Джералд Стейброк,
котиби генералии Ташкилоти байналхалқии зидди шиканҷа (ОМСТ), аз номи Обсерватория оид ба ҳимояи ҳуқуқҳимоякунандагон.